кафолатҳо ва ҷубронпулиҳо, тартиби пардохти онҳо;

шартҳои суғурта;

ҷавобгарии ҷонибҳо;

санаи бастани шартномаи меҳнатӣ ва рақами тартибии он.



## Мӯҳлати шартномаи меҳнатӣ:

- ба мӯҳлати номуайян;
- бароии иҷрои корҳои коргаре, ки ҳузур надорад;
- барои корҳои мавсимӣ.
- ба мӯҳлати муайян - на камтар аз як сол;
- ба муддати иҷрои корҳои муайян;

Агар мӯҳлат нишон дода нашудааст, шартнома бемӯҳлат ҳисобида мешавад.

Давомнокии вақти корӣ: на бештар аз **40** соат дар ҳафта

Маблағҳо барои пардохти рухсатии меҳнатӣ: корфармо

Рухсатии ҳадди ақалли солонаи пардохтшаванда (музднок): на камтар аз **24** рӯзи тақвимӣ

Рухсатии ҳадди ақалли солонаи пардохтшаванда (музднок) барои рӯзноманигорон: на камтар аз **30** рӯзи тақвимӣ



## Кадом ҳуҷҷатҳои марбут ба муносибатҳои меҳнатиро бояд ташкилот нигаҳдорӣ намояд:

- шартномаҳои меҳнатӣ;
- парвандаҳои шахсии коргарон;
- дафтарчаҳои меҳнатии коргарони асосӣ;
- РМА;
- СИН;
- Аризаи қабул ба кор;
- Нусхаи диплом ва ғайра.

## Қатъи шартномаи меҳнатӣ:

- бо ризояти ҷонибҳо;
- бо ташаббуси корфармо;
- бо сабабҳои пешбининашуда;
- бо ташаббуси коргар;
- бо анҷом ёфтани мӯҳлат;
- бо гузаштан ба кори дигар (агар имкони якҷо иҷро карданашон нест)

# КОРГУЗОРӢ ДАР ТАШКИЛОТ (СОЗМОН)

ИНСТИТУТИ «ҶАМЪИЯТИ КУШОДА» БУНЁДИ МАДАД - ТОҶИКИСТОН

BHR Идораи ҳуқуқи Инсон ва Риояи Қонуният

# КОРГУЗОРӢ ДАР ТАШКИЛОТ(СОЗМОН)

## Қонунгузорӣ:

бо санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрии гуногун (СҲМ), Дастурамали Намунавии қонунгузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, корхонаҳо ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон  танзим мешавад.

## Иҷрои  коргузорӣ:

тамоми ташкилотҳо, новобаста аз шакли ҳуқуқӣ-ташкилӣ, ба он вазифадоранд

## Масъулият (ҷавобгарӣ):

риоя накардани тартиби иҷрои коргузорӣ метавонад боиси муҷозот шавад: аз огоҳӣ то ҷаримаи пулӣ.

## ҚАДАМҲОИ АСОСӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРӢ:

- забони коргузорӣ – забони давлатист
- нигаҳдории муносиби ҳуҷҷатҳои таъсисӣ (дар ҷевони оҳанин, сандуқ ё ҷойи дигар, вале дар сурати тафтиш бояд дастрасӣ ба ин ҳуҷҷатҳо дар муддати оқилона таъмин гардад)
- папка ва дафтар барои суратҷаласаҳо/қарорҳои ташкилот (навбатӣ, ғайринавбатӣ)
- папка ё дафтари мактубҳои воридшуда ё содиршуда
- дафтари фармонҳо оид ба ҳайати шахсӣ ва фаъолиятҳои асосӣ
- муҳлати ирсол ва қабули мактубҳо(муҳлатҳо дар робита ба мақоми мактубҳо гуногунанд)
- бақайдгирӣ ва иҷрои муроҷиатҳои шифоҳӣ
- тартиби бақайдгирӣ ва муҳлати пешниҳоди ҷавобҳо ба  муроҷиатҳо тибқи қонун (асосан то 15 рӯз, дар ҳолатҳои истисноӣ - то 30 рӯз, вале дигар муҳлатҳо ҳам, вобаста ба навъи ҳуҷҷат, вуҷуд доранд)
- дафтари бақайдгирии қабул ва додани дафтарчаҳои меҳнатӣ
- китоби тафтиши субъектҳои хоҷагидорӣ

Коргузорӣ бояд аз ҷониби сарвари ташкилот назорат шавад. Қадамҳои зикршуда ниҳоӣ нестанд ва вобаста ба навъи фаъолияти ташкилот метавонанд фарқ дошта бошанд. Ҳар қадам бояд шахси масъули худро дошта бошад.

# МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ МЕҲНАТӢ ДАР ТАШКИЛОТ

## Қонунгузорӣ

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 23 июли соли 2016 қабул шудааст.

## Асоси ба вуҷуд омадани муносибатҳои меҳнатӣ:

шартномаи меҳнатӣ (ШМ)

## Ҷонибҳои ШМ:



**Корфармо:**

ташкилотҳо, филиалҳо, намояндагиҳо, мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва ғайра.

**Коргар:**

шаҳрванде, ки ба сини 15 расидааст (Истисно: барои кормандони эҷодӣ, бе расонидани зарар ба саломатӣ, бе халал расонидан ба раванди таҳсил, бо ризояти волидон)

## Хулоса:

дар шакли хаттӣ, дар ду нусха (яке барои коргару дигаре барои корфармо) ки ҷонибҳо имзо мегузоранд.

## Муҳтавои ШМ:

реквизитҳои (ҷузъиёт) корфармо, ки шахси ҳуқуқӣ аст;

фамилия, ном, насаб, номгӯй, рақам ва таърихи додани ҳуҷҷате, ки шахсиятро тасдиқ мекунад, суроға, макони зисти доимӣ ва рақами ягонаи андозсупоранда (РЯА);

фамилия, ном, насаб, номгӯй, рақам ва таърихи додани ҳуҷҷате, ки шахсиятро тасдиқ мекунад, суроға, макони зисти доимӣ ва рақами ягонаи андозсупоранда (РЯА) агар кофармо шахси воқеӣ бошад;

ҷойи кор (ташкилот ё бахши муайян);

мансаби ишғолнамудаи коргар;

хусусиятҳои шароити меҳнат, кафолат ва имтиёзҳо, агар кор вазнин, зараровар ва хатарнок бошад

санаи оғози кор;

муҳлати шартномаи меҳнатӣ;

реҷа ва ҷадвали вақти корӣ;

вақти истироҳат ва давомнокии рухсатии меҳнатии солонаи коргар;

ҳаҷм ва дигар шароити пардохти музд;

ҳуқуқ ва уҳдададориҳои корфармо;

ҳуқуқ ва уҳдадориҳои коргар;

тартиби тағйирот ва қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ;

